Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи "Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.

Муҳимияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳамлу нақли борҳо ва мусофирон барои иқтисодиёт ва аҳолии кишвар хеле баланд арзёбӣ мегардад ва дар замони муосир яке аз омилҳои муайянкунандаи тамойили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва фарҳангии рушди кишварро муайян мекунанд. Хусусияти хоси шабакавии муносибатҳои он талаботи нисбатан баланд ба ташкил ва идоракунии истеҳсолоти маҳсолоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дорад, ки дар ниҳоят ба болоравии фоиданокии ташкили ҳамлу нақл ва хизматрасониҳо ба мусофирон дар системаҳои ҳудудию нақлиётии кишвар мегардад.

Вобаста ба ин зарурати таҳияи назариявӣ, методологӣ ва асосҳои амалии ташкил ва идораи истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста ба вазъияти мавҷудаи ин соҳа ба амал меояд.

Аз ин хотир, диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон мубрам мебошад.

Кор аз муқаддима, панҷ боб ва хулосаҳо иборат буда, ба ҳалли вазифаҳои зерини аз ҳадафи диссертатсия бароянда равона карда шудааст:

-муайян кардани ҷанбаҳои амалӣ ва асосҳои назариявию методологии дигаргунсозии таркибии иқтисодиёти миллӣ дар шароити инкишофи системаи ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

-муайян намудани асосҳои методологӣ ва принсипҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, аниқ намудани мазмуни он аз нуқтаи назари синтези равишҳои гуногун: комплексӣ, системавӣ, логистикӣ, кластерӣ ва институтсионалӣ;

-муайян намудани хусусиятҳои кластерсозии нақлиётӣ-ҷуғрофӣ ва тадқиқи вазифаҳои гурӯҳбандии маҳсулоти инфрасохтори воситаҳои нақлиёт дар шароитҳои нави гузариши иқтисоди бозории Тоҷикистон;

-таҳлили ҳолат ва муайян намудани проблемаҳои рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз чумла:

•муайян намудани тамоюлҳои глобалии рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар дигар кишварҳо ва имкони татбиқи онҳо дар шароити комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

•таҳияи стратегияи ташаккул ва механизмҳои идоракунии равандҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

•муайян намудани шартҳои идоракунии самарабахши рушди раванди истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

-таҳияи системаи нишондиҳандаҳо дар асоси омори расмӣ барои ба даст овардани хусусияти таъмини минтақаҳо бо маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва муайян намудани омилҳое, ки ба пайдоиши тафовути ҳудудии онҳо дар раванди ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд;

-пешниҳод намудани системаи ченкунакҳо, ки метавонанд моҳияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳамчун як система ифода намоянд ва муайян кардани дараҷаи қобилияти гузарониши ҳудудии нақлиёти автомобилии субъектҳои ҳудудӣ ва хавфҳои мушаххаси истеъмоли ин маҳсулот;

-муайян кардани тадбирҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти бароҳат ва бехатари инфрасохтори воситаҳои нақлиёт;

-муайян намудани аҳамияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ташаккули модели эволютсионии системаи воқеии иқтисодиёт, инчунин дар баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар;

-ташаккул додани асосҳои консептуалии таъмини мувозинат дар истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ ва диверсификатсия бо схемаҳои гуногуни ташкили раванди интиқол;

-таҳия намудани тадбирҳо оид ба таъмини рушди инноватсионии системаи идоракунии давлатии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва некуаҳволии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Тавре аз мазмун ва мундариҷаи автореферат бар меояд масъалаҳои гузоштошуда ҳалли худро дарёфт намуда, ба қабули як қатори хулосаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии нав ва пешниҳодҳои муфид оварда расонидаанд.

Ҳамзамон, дар автореферат баъзе норасоиҳои вуҷуд доранд, масалан, фарқияти типологияи пешниҳоднамудаи муаллиф аз принсипҳои маъмурии

ҳудудии тақсимоти ноҳияҳои кишвар чӣ афзалият доранд дар ин ҷо қайд нагардиданд.

Умуман, бояд гуфт, ки диссертатсия ба мавзӯи мубрами рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва истифодаи он дар тақсимоти оптималии кашонидани молу маҳсулот ва мусофирон нақши муайянкунанда мебозад.

Умуман, автореферати диссертатсияи Бобозода К.О. ба талаботи КОА - назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идораи корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунад.

Тақризнавис,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди
миллии Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Т.Т.

Имзои Набиев Т.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корхои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носиров 33 тел:372 24 17 86 https://apa.tj